Қарори

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–015 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур оид ба ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаҳои илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм.

27 марти соли 2021

ш. Душанбе

Маърӯзаи кори диссертатсионии Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи "Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, роҳбари илмӣ - доктори илмҳои кишоварзӣ Нарзулоев Т.С., мудири шуъбаи зироатҳои равғандиҳандаи Институти зироаткории АИКТ, мушовири илмӣ - Норов М.С., доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи зироаткорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорвои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемурро шунида, тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ки онро муовини директор оид ба илм ва таълим, номзади илмҳои биологӣ Давлятназарова З.Б., мудири озмоишгоҳи генетика ва селексияи растаниҳо, доктори илмҳои кишоварзӣ Партоев Қурбонали, котиби Шӯрои илмӣ, ходими калони илмӣ Боҳирова М., имзо ва номзади илмҳои биологӣ Бобозода Б.Б. – директори ҳамин муассиса тасдиқ намудааст, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: Эргашев Абдуллоҷон – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи растанӣ ва биотехнологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Ҳафизов Абдунасир Абдукаримович – номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири кафедраи агротехнологияҳои нав ва амнияти озуқаворӣ Донишгоҳи давлатии Данғара, инчунин муқарризони ғайрирасмӣ профессорон: Ахмедов Т.А., Саидзода С.Т., Исмоилов М.И., Набиев Т.Н., Маҳмадёрзода У.М. -ро ба асос гирифта, дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич бо дарназардошти мубрам будани мавзӯъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии натиҷаҳо ва хулосаи натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, Шӯрои диссертатсионӣ **қарор** мекунад:

1. Диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи "Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, пешниҳод гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферат ва корҳои интишоршуда, дар дараҷаи лозима муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01- зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори мазкури Шӯрои диссертатсиониро тасдиқ намояд.

Раиси шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ — Маҳмадёрзода У.М.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ — Боймуродов Р.Б.